**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС**

**Парвандаи аттестатсионии №________________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.07.2025, №65**

Барои сазовор донистани Сафаров Сайфулло Зикрилоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, дода мешавад.

Диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 24 апрели соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №82 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Сафаров Сайфулло Зикрилоевич 08-уми ноябри соли 1991 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сафаров С.З. соли 2009 ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ихтисоси фаъолияти бонкӣ (бакалавр) дохил шуда соли 2013 донишгоҳи мазкурро хатм намудааст. Номбурда соли 2013 ба зинаи магистратура ба ихтисоси фаъолияти бонкӣ дохил шуда, соли 2015 онро бомуваффақият хатм намудааст. Ҳамзамон, соли 2014 ба ҳайси амалиётгар-нозир дар филиали ҶСП «Спитаменбонк» дар шаҳри Бохтар, солҳои 2014-2018 ҳамчун хазиначӣ ва амалиётгар-нозир дар филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар шаҳри Бохтар кор кардааст.

Сафаров С.З. аз соли 2018 то инҷониб ба ҳайси ассистент дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намуда истодааст.

Аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳсил карда, онро аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 24-уми июни соли 2019, суратҷаласаи №87(а.фа) тасдиқ шуда, мувофиқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30 ноябри соли 2021, суратҷаласаи №4 иваз гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Назирӣ Гулбаҳор Назир -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**-Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

**- Ғаюров Ғайрат Ҳакимович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба диссертатсия хулосаи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон** дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарз Миразизов А.Х. таҳия гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №10, аз 16.05.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Қ. санаи 17.05.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафаров Сайфулло Зикрилоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 10 интишороти илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Сафаров, С.З. Такмилдиҳии бозоргирӣ ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.З. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2019. – №1-4-1(68). – С. 287-290. ISSN: 2663-5534

[2-М] Сафаров, С.З. Аломат ва принсипҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ / С.З. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – №1-3(77). – С. 152-155. ISSN: 2663-5534

[3-М] Сафаров, С.З. Асосҳои назариявии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ / С.З. Сафаров, П. М. Саидмуродов // Кишоварз. – 2020. – №4(89). – С. 221-225. ISSN: 2074-5435

[4-М] Сафаров, С.З. Усулҳои баҳодиҳӣ ба устувории молиявии низоми бонкӣ дар мамлакатҳои хориҷа / С.З. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. – №1-4-2(92). – С. 176-180. ISSN: 2663-5534

[5-М] Сафаров, С.З. Арзёбии омилҳои асосии таъсиркунанда ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ / С.З. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №1-4(116). – С. 236-243. ISSN: 2663-5534

[6-М] Сафаров, С.З. Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Сафаров С.З., Назирӣ Г.Н.// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №1-3 қ. 2 (113). – С. 295-299. ISSN: 2663-5534

[7-М] Сафаров, С.З. Ваъзи имрӯзаи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Г.Н. Назирӣ, С.З. Сафаров. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. 2024. – №2(52). – С. 307-316. ISSN 2308-054X

[8-М] Сафаров, С.З. Хусусиятҳои низоми идоракунӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.З. Сафаров, // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. 2024. – №2(52). – С. 359-369. ISSN 2308-054X

**Дар дигар нашрияҳо:**

[9-М] Сафаров, С.З. Омилҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.З. Сафаров // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушд ва имкониятҳо» Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (22 декабри соли 2020). С. 45-49.

[10-М] Сафаров, С.З. Устувории молияви низоми бонки ва методҳои арзёбии он дар мамлакатҳои хориҷа / С.З. Сафаров, С.Салихов. // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тамоюлҳои муосири байналмилалишавӣ ва масъалаҳои таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ». Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (27 майи соли 2023). С.110-114.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Раҷабов Р.К.- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи Донишгоҳи давлати Тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Гарчанде тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод шудааст, вале далелҳои мустаҳками оморӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

2. Инчунин, дар автореферат натиҷаи зарурияти идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи пурра баҳо дода нашудааст.

**3. Досиев М.Н. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии АИДНПҶТ бо чунин эрод:**

1. Баъзе муқаррароти назариявии автореферат ба тавзеҳи иловагӣ ниёз дорад, саҳми муаллиф дар тақвияти назарияи таъмини устувории бонкҳо ба таври барҷаста нишон дода мешуд.

**1. Алиджонов Д .А мудири кафедраи назарияи иктисоди МДТ Донишгоҳи давлати Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, бо чунин эродҳо:**

**1.** Ба манфиат мебуд агар муаллиф қисмати мубрамияти мавзуро васеътар ва аҳмияти илмии онро пурратару равшантар менамуд.

2. Дар расми 2-и автореферати диссертатсия (саҳ 24) муаллиф алгоритми ташкили системаи ташкили идоракунии устувории молиявиро барои бонки тиҷоратӣ пешниҳод намудааст, қобили дастгирӣ мебошад. Вобаста ба ин, хуб мебуд, ки оид ба масъалаи мазкур дар автореферат маълумоти нисбатан пуратарро ҷой дода мешуд.

**4. Алишоев Х.Ҳ. - номзад илмҳои иқтисоди, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод:**

1.Илова ба пешравиҳои дар автореферат ҷойдошта, чунин ба назар мерасад, ки баъзе мавридҳо аз назари муаллиф дур мондааст: Аз мутолиаи автореферат маълум гардид, ки муҳаққиқ зимни таҳияи автореферат аз барномаҳои давлатӣ диққат кам зоҳир кардааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки муҳаққиқ истифодаи барномаҳои мазкурро дар автореферат дарҷ мекард.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки тавассути таҳлил ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар соҳаи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, вазъи мавҷударо дар низоми бонкии Тоҷикистон ба таври кофӣ арзёбӣ карда, мушкилоти калидиро, ки ҳалли онҳоро талаб мекунанд, муайян ва механизмҳоеро, ки ба таҳкими устувории молиявии бонкҳо нигаронида шудаанд, таҳия карда, дар ниҳоят, ба баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар ҷумҳурӣ ноил гардидан мумкин аст.

- ***таърифи муаллифии*** идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар доираи як консепсияи муаллифӣ бо чунин мазмуни тавсеаёфтаю илман асоснокшуда ***таҳия ва пешниҳод шудааст:*** «Системаи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ раванди динамикӣ ва механизми чандири ҳозиразамон маҳсуб ёфта, раванди динамикии мутобиқсозии пайвастаи бонк ба муҳити тағйирёбанда бо мақсади кам кардани хавфҳо ва таъмини қобилияти дарозмуддати пардохтпазириро дар назар дорад, ки ба беҳтаршавии нишондиҳандаҳои ниҳоии фаъолияти он оварда мерасонад».

- ***хусусиятҳои калидии*** идоракунии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ***муайян карда шуданд,*** принсипҳои асосӣ муайян, методологияи арзёбии ин устуворӣ тадқиқ ва дараҷаи вобастагии нишондиҳандаҳои бонк аз ҳолати он муайян карда шуда, тавсияҳо оид ба такмили принсипҳои идоракунӣ бо назардошти шартҳои бозори бонкии ватанӣ пешниҳод карда шуда, мақсаднокии истифодаи равишҳои инноватсионӣ, ҳамаҷониба ва мутавозин ба арзёбии он исбот карда шуд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор аз он иборат аст, ки он корҳои олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷиро оид ба идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро дар бар гирифта, ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, такя намудааст.

- ***исбот шудааст,*** ки низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ раванди динамикие мебошад, ки ба нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани қобилияти бонк барои муқовимат ба таъсири манфии омилҳои беруна ва

дохилӣ, нигоҳ доштани қобилияти пардохт ва таъмини устувории дарозмуддати фаъолият нигаронида шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***гояи*** таҳқиқот дар пояи муқаррароте асос ёфтааст, ки низоми идоракунии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ раванди пайваста рушдёбандаи қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки ба оптимизатсияи сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо, идоракунии хавфҳо ва нигоҳ доштани сатҳи оптималии сармоя барои таъмини устувории дарозмуддати бонк дар шароити иқтисоди бозорӣ нигаронида шудааст.

- ***самтҳои*** ба сифати роҳҳои мукаммалгардонии низоми идоракунии устувории молиявӣ тавсияҳои муаллифӣ, риояи принсипи чандирӣ ва ба таконҳои беруна фавран вокуниш кардани низом, истифодаи усулҳои тактикю стратегӣ вобаста ба вазъи баамаломада, ягонагии воситаҳо ва амалҳо, иртиботи мутақобила бо усулҳои таҳлил, танзим, банақшагирӣ ва назорат пешниҳод ва дурнамои нишондиҳандаҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои мазкур дар кишвар барои солҳои 2025-2030 моделсозӣ шудааст.

- ***омӯхта шудаанд:*** таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ва дар ин асос маҷмуи тадбирҳо оид ба таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ***пешниҳод карда шудааст***, ки такмили низоми суғуртаи пасандозҳо, рушди бозори байнибонкӣ тавассути ташкили низоми самараноки клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ ва ҳавасмандгардонии қарздиҳии байнибонкӣ, унсурҳои асосии ташаккул ва рушди бозори саҳҳомӣ, инчунин барномаҳои таълимӣ ва ширкатҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолиро дар назар дорад.

- ***методикаи*** идоракунии ҳамаҷонибаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси ҳамгироии принсипҳои тавозун, навоварӣ ва бисёрҷониба **таҳия ва пешниҳод шудааст,** ки истифодаи он имкон медиҳад, самаранокии фаъолияти бонкҳо баланд бардошта шавад ва хавфҳо коҳиш дода шаванд, ки ба устувории дарозмуддати онҳо дар муҳити динамикии иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Идоракунии хавфҳои бонкӣ», «Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Танзим ва назорати бонкӣ»ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 02.04.2024 таҳти №9)**. Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти филиали ҶСК «Коммерсбонки

Тоҷикистон» дар шаҳри Бохтар **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 14.05.2024)** мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***моделҳои*** иқтисодӣ-риёзӣ оид ба сифати роҳҳои мукаммалгардонии низоми идоракунии устувории молиявӣ, тавсияҳои муаллифӣ, риояи принсипи чандирӣ ва ба таконҳои беруна фавран вокуниш кардани низом, истифодаи усулҳои тактикию стратегӣ вобаста ба вазъи баамаломада, ягонагии воситаҳо ва амалҳо, иртиботи мутақобила бо усулҳои таҳлил, танзим, банақшагирӣ ва назорат, ***пешниҳод*** ва дурнамои нишондиҳандаҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои мазкур дар кишвар барои солҳои 2025-2030 ***моделсозӣ шудааст.***

- ***стратегияи*** мукаммалгардонии низоми идоракунии устуворӣ, бо таваҷҷуҳ ба сандуқи қарзӣ, диверсификатсияи сарчашмаҳо, ҷоннок кардани инвеститсияҳо, гузаштан ба технологияи рақамии пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ ва истифодаи бештару густурдаи имконятҳои ҳуши маснуӣ (зеҳни сунъӣ), ҳавасмандгардонии ҷалби пасандозҳо, ҷолибияти инвеститсионӣ, муносибгардонии амалиёт дар ташкилотҳои қарзӣ ***пешниҳод шудааст***.

- ***пешниҳод шудааст:*** эҳтимолияти дарояндаи наздик дар самти идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҷой доштани чунин тамоюлҳо: 1) афзудани талабот ба сармоя ва пардохтпазирӣ; 2) тавсеаи доираи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ ва ба эҳтиёҷоти сегментҳои гуногуни муштариён нигаронида шудани онҳо; 3) тақвияти нақши каналҳои рақамӣ дар рушди минбаъдаи хизматрасониҳои бонкии рақамӣ ва гузариш ба технологияҳои бидуни коғаз; 4) консентратсияи бахши бонкӣ тавассути ҳамроҳшавӣ ва ба даст овардани самараи миқёс; 5) тақвияти нақши бонкҳои давлатӣ.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи устувории низоми бонкӣ, таъсири давлат ба бахши бонкӣ, ва ***методологияи*** арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки ба нишондиҳандаҳои асосии пардохтпазирӣ, сохтори тавозун, сифати дороиҳо, кифоятии сармоя, тобоварии ниҳоди қарзӣ ба таконҳои муосир, мониторинги мунтазами вазъ, сиёсати кадрӣ, шаффофият, нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳо ва сармоя, ки самаранокии фаъолияти бонкро инъикос мекунанд, такя мекунад.

- ***равиши илман*** асоснокшуда вобаста ба натиҷаҳои таҳлили ҳолати воқеии устувории молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ***таҳия ва пешниҳод шудааст***, ки маҷмуи тадбирҳоро оид ба таҳкими низоми бонкӣ, такмили заминаи меъёрию ҳуқуқиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ, тақвияти назорати бонкӣ, таҳкими заминаи сармояи бонкҳо ва рушди ҳамкории байналмилалиро фаро мегирад.

***- усулҳои*** муътамади илмию пажӯҳишӣ, аз қабили абстраксия, риояи мантиқи баён, гурӯҳбандӣ, моделсозӣ, таҳлили омилӣ, дурнамосозӣ ва ояндабинӣ ба кор бурда шуданд.

**- муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферати он аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро мутаносибан 83,45% ва 88,12% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 2) Муаллиф дар васеътар намудани назарияи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо пешниҳоди консепсияи муаллифӣ саҳми худро гузошта, муносибати системавиро нисбат ба низоми мазкур дар асоси таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ва таҳияи механизмҳои мутобиқшавӣ, бо назардошти ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам берунии ба бонкҳои тиҷоратӣ таъсиррасон пешниҳод кардааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши амалиётҳои рақамии бонкӣ дар рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 10 мақола, аз он ҷумла 8-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.1, 10.5, 10.12, 10.16, 10.18, 10.19, 10.20 ва 10.21-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 02.07.2025 қарори сазовор донистани Сафаров Сайфулло Зикрилоевич бо дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 6 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» –15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**02 июли соли 2025.**